*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди*
*Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*
*(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе,*
*кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)*

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

***номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич ба диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат***

## 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар шароити кунунӣ нақши низоми идоракунии кормандон дар таъмини рақобапазирии корхонаҳо бо таваҷҷуҳ ба рақамикунонии бахшҳои мухталифи иқтисодиёт аҳамияти бесобиқа касб менамояд. Кормандон як ҷузъи ҷудонашаванда ва омили ҳалкунандаи мушкилоти мубрами корхона ба ҳисоб меравaнд. Барои таъмини рақобатпазирии корхона низоми мукаммали кор бо кормандон зарур аст, ки раванди ба кор қабул намудан ва болоравии касбии онҳоро танзим намояд. Ҳалли бомавриди ин масъала аз бисёр ҷиҳат ба сиёсати кадрии роҳбарият, ки қисми асосии фаъолияти идоракунӣ ва сиёсати истеҳсолии ташкилотро муайян менамояд, вобастагӣ дорад.

Меҳмонхонаҳо чун низоми мустақили мубодилаи муносибатҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ ба ташаккули сиёсатии кадрии оқилона ниёз доранд, ки тавонад ҳавасмандии моддиву маънавии кормандонро бо таваҷҷуҳ ба расидан ба ҳадафҳои стратегии созмон таъмин намояд. Рақамикунонии равандҳои фаъолияти меҳмонхонавӣ дар назди маъмурияти меҳмонхонаҳо вазифаҳои нав ва бесобиқаро ҷиҳати таъмини кадрии фаъолияти самаранокашон гузоштааст. Ин падида дар аксари кишварҳо ва, минҷумла, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нав буда, гузаронидани тадқиқотҳои густардаро ҷиҳати мушаххас намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии такмили низоми идоракунии кормандон тақозо менамояд. Аз ин рӯ, муайян намудан ва таҳлили муаммоҳои такмили

сиёсати кормандони меҳмонхонаҳо масъалаи хеле актуалӣ мебошад. Аҳамияти мавзӯи таҳқиқот аз он иборат аст, ки такмили низоми оқилонаи идоракунии кормандон яке аз самтҳои муҳимтарини фаъолияти меҳмонхона мебошад, ки он метавонад самаранокии ин соҳаро хеле баланд бардорад. Ин сиёсати дуруст андешидашудаи таъмини самаранокии идоракунии кормандони дорои салоҳиятҳои рақамиро талаб мекунад. Сиёсати хуб андешидашудаи кадрӣ як навъ кафолати шукуфоӣ аст - одамон кӯшиш мекунанд, ки вазифаҳои ба зиммаашон гузошташударо саривақт иҷро кунанд, ивазшавию раҳониши кадрҳо кам мешавад ва ба ин далел самаранокии кор меафзояд.

Бо назардошти андешаҳои фавқуззикр, интихоби мавзуъ, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инчунин объекту предмети диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович, ки меҳвари асосии онро омӯзиш ва такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ ташкил медиҳад, дар шароити имрӯза мубрам ва муҳим арзёбӣ мегардад.

**2. Мутобиқати диссертатсия ва ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мутобиқ мебошад:

- асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он;

- тавсифи микдорӣ ва сифатии захираҳои меҳнатӣ, сармояи инсонӣ;

- ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат;

- масоили сифати нерӯйи корӣ, тайёркунӣ, ташаккули салоҳияти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии аҳолӣ; ҳаракати кормандон;

- таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Навгонии илмии диссертатсия аз гузориш ва ҳалли маҷмӯи вазифаҳои мушаххас дар самти такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ ва тавсияҳои амалӣ доир ба баланд бардоштани сатҳи самаранокӣ ва истифодаи оқилонаи кадрҳо дар субъектҳои меҳмонхонаҳо зоҳир мегардад.

Таҳлили диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки натиҷаҳое, ки дар он пешниҳод шудаанд, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз гузориш ва ҳалли маҷмӯи вазифаҳои мушаххас оид ба васеъ намудани донишҳои илмӣ дар самти такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ иборат аст.

Ба ҳимоя натиҷаҳои зерини назариявӣ, методӣ ва амалии диссертатсия, ки дорои навгониҳои илмӣ мебошанд, пешниҳод мешавад:

✓ дар таҳқиқот муқаррароти назариявию методӣ ва мавқеи идоракунии кормандон мувофиқ ба шароити иқтисодиёти рақамӣ баён гардидааст. Дар таҳқиқот ба масоили омодасозии кормандони меҳмонхона дар шароити рақамикунонӣ диққати махсус зоҳир гардида, масоили назариявӣ ва дар асоси гуфтаҳои боло нуқтаи назари муаллифӣ таҳия карда шудааст.

✓ маълум карда шудааст, ки ба сифати омили асосии тараққиёти меҳмонхонаҳо кадрҳо ё мутахассисони дорои салоҳияти касбӣ, аз ҷумла салоҳияти рақамӣ дошта мебошанд, баромад мекунанд. Муаллиф зикр менамояд, ки маҳз кормандони соҳибкасб ва босалоҳият ба низоми идоракунӣ самараи дилхоҳ медиҳанд.

✓ дар таҳқиқот таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба такмили

идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо дар шароити муосир арзёбӣ гардида, имкониятҳои муҳим ва самтҳои афзалиятноки истифодаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

✓ таҳлили вазъи кунунии бозори меҳнат ва таъмини кадрҳои баландихтисос дар меҳмонхонаҳои замонавии шаҳри Душанбе, дар шароити рақамикунонӣ зарур шуморида шуда, ҳангоми баррасии масоили мазкур муаяйн карда шудааст, ки новобаста аз тамоюлҳои мусбат таҳқиқи масоили омодасозии кормандони меҳмонхона, тамоюлҳои ҷории бозори меҳнат ва рақамикунонии равандҳои меҳмонхона хеле зарур аст.

✓ муаллиф бо назардошти омилҳои дохиливу беруна вазъ ва ҳолати такмилдиҳии низоми идоракунии кормандонро дар шароити рақамикунонӣ натиҷагирӣ кардааст. Ҳангоми таҳқиқ таҳияи амсиласозии иқтисодӣ – математикии баҳодии омилҳои таъсиррасон ба идоракунии кормандон дар фазои маҷозӣ зарур шуморида шудааст.

✓ ҳамзамон дар ҷараёни баррасии ҳаматарафа зина ба зина такмил додани системаи анъанавии низоми идоракунии кормандон зарур шуморида шуда, як қатор самтҳо ва афзалиятҳои рушди он дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт пешниҳод карда шудааст. Дар пажӯҳиш пас аз натиҷаҳои назарсанҷӣ таҳияи механизми мукаммали идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ муҳим арзёбӣ гардидааст.

✓ дар натиҷаи таҳқиқот такмили механизми ташкилӣ – иқтисодии рушди идоракунии кормандони меҳмонхона пешниҳод шудааст. Муаллиф бар он андешаест, ки ҳоло дар миқёси ҷумҳурӣ низоми муайяни такмилдиҳии пайвастаи кормандон зарур аст. Нуктаҳои назари худро ҳангоми натиҷагирӣ аз таҳқиқот муаллиф асоснок намудааст.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар шароити кунунии ташаккули рақамикунонии равандҳо таваҷҷӯҳ нисбати низоми идоракунии кормандон дар бозори меҳнат бештар мегардад, зеро ҳангоми такмили механизми автоматикунонии корҳо заминаҳои объективӣ ба вуҷуд меоянд. Бинобар ин, рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ боиси пайдоиши

моделҳои комилан нави тиҷорат гардида, унсури асосии онҳо алгоритмҳои рақамӣ ба ҳисоб мераванд. Ин гуна моделҳо барномаҳои маҷозиро дар низоми идоракунии кормандон ва татбиқи сиёсати кадрӣ фарогир мебошанд ва пажӯҳишгарон ин омилро чун зуҳурот ё таҳаввулоти рақамикунонии фаъолиятҳо таъриф менамоянд (с.17-18).

Дар диссертатсия нуктаи дигаре хело хуб асоснок шудааст: идоракунии кормандон тибқи тарзу усулҳо ва принсипу моделҳои муосир дар бозори меҳнат ва рақамикунонии фаъолият бояд такмил дода шавад. Мусаллам аст, ки низоми имрӯзаи тиҷорати меҳмонхонаҳо ба чунин кормандон эҳтиёҷи бештар доранд, агар онҳо ба усулу принсипҳои мутобиқ ба рақамикунонӣ мувофиқ бошанд.

Ба андешаи муаллиф низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳои сайёҳӣ шакли нави фаъолияти иқтисодӣ буда, шакли ташкили меҳнат, фаъолияти ба мақсад мувофиқро дар иҷрои корҳо ва ӯҳдадориҳо ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии меҳмонхонаҳо дар шароити рақамикунонӣ, инчунин алоқамандии ташкилӣ, иқтисодӣ, равонӣ, ҳамзамон қонеъ гардонидани талаботҳо ва рушди касбияти онҳоро дарбар мегирад.

Дар заминаи ифодаи мафҳуми идоракунии кормандон ба ақидаи диссертант, консепсияи идоракунии кормандон - системаи назариявию методологӣ, андешаҳо оид ба дарк ва муайян кардани моҳият, мундариҷа, ҳадафҳо, вазифаҳо, меъёрҳо, принсипҳо ва усулҳои идоракунии кормандон, инчунин ташаккули муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар татбиқи ҳадафҳои гузоштаи ташкилотҳо ба ҳисоб меравад (с.34).

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки ҳоло мафҳуму ибораҳои «рақамикунонӣ», «ҷаҳони рақамӣ», «ҷомеаи иттилоотӣ», «фазои иттилоотӣ», «ҷомеаи донишбунёд», «ҷомеаи баъдисаноатӣ», «ҷомеаи технологиябунёд», «ҷомеаи маҷозӣ», «олами маҷозӣ», «иқтисодиёти сабз», «иқтисодиёти шабакавӣ», «иқтисодиёти интернетӣ», «иқтисодиёти иттилоотӣ», «инсони рақамӣ», «иқтисодиёти инноватсионӣ» ва «иқтисодиёти нав»-ро дидан мумкин аст, ки дар истилоҳоти муосири илмӣ ва рӯзмарра мавриди омӯзиши

пайваста қарор дода мешаванд(с.38).

Натиҷаҳои рушди рақамикунонӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои навтарини иттилоотию коммуникатсионӣ боиси ташаккул ва афзоиши босуръати талабот ва маъруфияти қарорҳо ва моделҳои гуногуни бизнес дар формати онлайн барномаҳо, хизматрасониҳо, агрегаторҳо, расонаҳои итттилоотӣ, системаҳои иттилоотӣ ва маълумотномаҳо, бозорҳо ва порталҳо гардидааст (с.48).

Дар раванди рушди босуръати саноати меҳмондорӣ ва ҷорӣ кардани низоми навовариҳою технологияҳои рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои таъмини меҳмонхонаҳо бо кадрҳои соҳибихтисос, ки қодиранд то рақобатпазирии дарозмуддати корхонаҳоро дар соҳаи меҳмоннавозӣ таъмин кунанд, аҳамияти бештарро касб мекунанд(с.49).

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки истифодаи низоми муосири технологияи рақамӣ низоми автоматикунонидаи идоракунии кормандони меҳмонхонаро нишон додан ба мақсад мувофиқ аст, зеро дар ин ҳолат тамоми фаъолияти меҳмонхонаҳо тариқи низоми рақамӣ ё тариқи низоми марказонидашудаи шабакаи локалӣ идора карда мешавад(с.58).

Ҳангоми пажӯҳиш муайян карда шудааст, ки дар шароити рақамикунонии фаъолияти дилхоҳ объект, ба хусус меҳмонхонаҳо нақшу мавқеи менеҷер-маъмур(адмнистратор)ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад. Маврид ба зикр аст, ки ҳоло дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ ва фазои иттилоотӣ менеҷерон- масъулин барои истифодаи технологияи рақамӣ баҳри мураттаб сохтани натиҷабахшии фаъолияти кормандони меҳмонхонаҳо дучанд салоҳиятнок мебошанд(с.64).

Ҳоло дар тамоми соҳҳаҳои фаъолият низоми автоматикунонидашуда ба роҳ монда шудааст. Муаллиф зикр менамояд, ки солҳои охир платформаҳои рақамӣ барои идоракунии ширкат ва корхонаҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Чунин барномаҳо аз қабили: омӯзиши мошинӣ ва нерӯи ақлонӣ, интернети 5G; интернет чизҳо; серверҳо ва шабакаи ҳамигироишудаи саноатӣ; 3D чопи шакли нав; низоми пуриқтидори нейронӣ ва киберфизикӣ бо

назардошти системаҳои ниҳоят нав бо мақсади таъмини механизми ҳамкории муташаккили байни кормандон ва технологияҳои рақамӣ, инчунин тамоми имкониятҳои мавҷудаи он ба ҳисоб мераванд (с.73).

Ҷиҳати такмили фаъолияти низоми идоракунии кормандони меҳмонхона то кунун як зумра усулҳо таҳия карда шудааст, аммо дар мисоли кишвари мо ин масъалаҳо то имрӯз ба таври мушаххас омӯхта нашудааст. Таҳлили умумии раванд гувоҳӣ медиҳад, ки татбиқи амалии методҳо ва унсурҳои асосии усулҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ ва оптимизатсионӣ дар шароити рақамикунонии фаъолияти меҳмонхонаҳо зарур мебошад (с.91).

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки зарурати таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ дар самти низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳо ва таҷрибаҳои беҳтарини рушди онро омӯхта, бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ ва минтақавӣ амалан мавриди истифода қарор додан ба мақсад мувофиқ мебошад (с.100).

Имрӯзҳо ҷомеаи донишбунёд, иттилотиву интернетӣ ва фановариҳои рақамӣ моро водор намудааст, тафаккуру фарҳанги истифодаи оқилонаи интернетро сайқал дода, баҳри таъминшавӣ бо ҷойҳои корӣ истифода намоем. Ҳоло аз ин гуна расонаҳо ё шабакаҳо истифода намуда, барои таълим, бозомӯзии касбии ройгон ё баланд бардоштани фарҳанг рақамӣ оид ба фаъолияти механизми идоракунии кормандон метавон бархурдор гардид (с. 122).

Ба андешаи муаллиф, такмил додани системаи идоракунӣ бо амалҳои пай дар пай хос аст, ки он ба муаммоҳои асосии корхона алоқаманд мебошад. Қобили қайд аст, ки ҳангоми пажӯҳиш бояд марҳилаҳои ташхис ва таҳлили системавӣ дар таҳқиқоти идоракуниро ба инобат гирифт. Танҳо дар ин сурат низоми идоракунии кормандонро дар меҳмонхонаҳо мантиқан метавон такмил дод. Дар натиҷа масъалаи асосии дарёфтани роҳи ҳалли душвориҳои принсипиалӣ, ки ба тараққиёти умуман корхона халал мерасонанд, ҳал карда мешавад (с.144).

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Мақсади асосии таҳқиқот аз коркарди асосҳои назариявию методӣ ва тавсияҳо ҷиҳати такмили идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ иборат аст, ки он дар таъмини рушди низоми идоракунии самараноки меҳмонхонаҳо таъсиргузор мебошад.

Аз ин ҷост, ки муаллиф барои ҳалли ҳадафи мазкур ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ, ба монанди усули системавию таркибӣ, сабабу натиҷа, абстрактсияи илмӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, усули омӯзиши омилҳо, экспертию таҳлилӣ, иқтисодию риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои микдорию сифатӣ ва ғайраро истифода шудаанд, ки асоснокӣ ва мӯътамад будани хулосаю натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намудаанд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқоти илмиро барои ташаккул ва такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ низоми муассири идоракунии хизматрасониҳои меҳмонхонаҳои ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ васеъ истифода шаванд. Инчунин натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқоти илмиро барои ташаккули низоми муассири идоракунии кормандони меҳмонхонаҳои ҷумҳурӣ метавон истифода намуд.

Истифодаи усулҳо ва амсилаи пешниҳодкардаи муаллифи диссертатсияро дар фаъолияти кормандони меҳмонхонаҳо барои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти онҳо ва таҳияи тавсияҳо оид ба таъмини кадрии рушди соҳаи сайёҳии кишвар дар шароити рақамикунонӣ аз аҳамият холӣ нест.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосие, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омода намудани мутахассисони самти менеҷмент, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон, кормандон ва мутахассисони бахши иқтисод ва тиҷорат истифода шаванд.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Тавре аз таҳлили маълумоти пешниҳодгардида бармеояд, муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 27 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (3 мақола дар алоҳидагӣ) ва 20 мақолаи илмӣ дар конференсияҳо нашр шудаанд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Бояд қайд кард, ки автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст ва бо забони илмӣ дар сатҳи баланд иҷро шудааст.

**8. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия**

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуқтаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Ба андешаи муаллиф рақамикунонӣ - ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии муосир дар идоракунии кормандон ва трансформатсияи рақамӣ раванди ҳамгироиҳо ва моделҳои бизнеси насли нав, аз ҷумла хизматрасониҳо, истеҳсоли маҳсулот, усулу услубҳои муошират ва қабули оқилонаву саривақтии қарорҳоро ифода менамояд. Ба андешаи мо, муаллиф як хусусияти муҳимми рақамикунониро, ки коҳиши меҳнати ҷисмонӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва сарфаи вақт мебошад, махсус қайд нанамудааст. Ба назар гирифтани ин хусусиятҳои раванди рақамикунонӣ

метавонад ба мазмуни мундариҷаи амсилаи низоми идоракунии кормандон дар меҳмонхонаҳо таъсири мусбӣ расонад.

2. Дар диссертатсия муаллиф рақамикунонии фаъолияти меҳмонхонаҳоро дар асоси пойгоҳи додаҳо ва серверҳои назоратӣ муҳим мешуморад, аммо он чи тавр бояд сурат гирад дар кор ба таври пурра шарҳ дода нашудааст.

3. Муаллиф самтҳои афзалиятноки низоми идоракунии кормандони меҳмонхонаҳоро дар расми 19 нишон додааст. Агар онҳоро аз нигоҳи фаъолияти меҳмонхонаҳои мухталиф (вобаста ба намуд (пансион, хостеп, мотел ва ғ.) ва дараҷа (чорситора, панҷситора) асоснок менамуд, арзишмандии кор меафзуд.

4. Дар диссертатсия қайд шудааст, ки такмили механизми идоракунии кормандон аз захираҳо, унсурҳо, принсипҳо ва функсияҳои муайян вобастагии мутақобила дорад. Аммо ин алоқамандиҳо аз нигоҳи омилҳои ба раванди рақамикунонӣ таъсирасон шарҳ дода нашудааст.

5. Дар диссертатсия таҷрибаи пешқадами кишварҳои хориҷӣ баррасӣ гардидааст, ба мақсад мувофиқ мебуд агар хулосаҳои он дар шакли ягон механизм ва таҳлили қиёсии таъминоти кадрӣ ва бо таваҷҷуҳ ба сатҳи рақамикунонии иқтисодиёт натиҷагирӣ карда мешуд.

6. Дар қисмати хулосаву тавсияҳо баъзе нуқтаҳои назар ва андешаҳои муаллиф баҳсталаб мебошанд. Масалан, муаллиф дар мавриди пешгирии баъзе паёмадҳои манфии раванди рақамикунонӣ тавсияҳои илмии худро пешниҳод накардааст.

Аммо эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонад ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

### 9. Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба диссертатсия

Пас аз баррасии диссертатсияи Абдуллоев Зафарҷон Асҳобович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии кормандон дар шароити рақамикунонӣ (дар мисоли меҳмонхонаҳои шаҳри Душанбе)» барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мо ба хулосае омадем, ки он кори илмию тахассусии ба итмомрасида буда, ҷавобгӯй ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Д.А. Ҳодиев**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 17.
Тел.: (+ 992) 935017051 e-mail: mfahim@mail.ru

имзои / подпись Ҳодиев Д.А.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

03.12.24